Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Пачаева Муҳаё Пулатовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии инкишофи эҷодии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти тасвирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Фаъолияти тасвирӣ дар қатори дигар фаъолиятҳои амалии кӯдакон барои ташаккул додани фаъолияти эҷодии онҳо заминаи мусоид фароҳам меорад. Эҷодкорӣ дар кӯдакони синни томактабӣ дар марҳилаи ибтидоии рушд қарор дошта бошад ҳам, барои инкишоф додани он аз тамоми роҳу воситаҳо истифода намудан ба манфиати кор хоҳад буд. Дар робита ба ин, рисолати педагог дар он зоҳир мегардад, ки роҳҳои фаъолгардонӣ ва бедор кардани шавқу рағбати кӯдаконро роҳандозӣ намуда, бо мақсади баланд бардоштани қобилияти эҷодии кӯдаки синни томактабӣ чораҳои амалӣ андешад.

Муаллифи автореферати диссертатсия чунин мешуморад, ки тарбия кардани шахси эҷодкор ва дар ниҳоди ӯ рушд додани арзишҳои эстетикӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ яке аз вазифаҳои асосии илми педагогика мебошад.

Дар раванди фаъолияти тасвирӣ ҳар як кӯдак, ки тасвири ашёро меофарад, сараввал дарки пурраи онро дар тафаккур ҷой дода, сипас эҳсосоти худро нишон медиҳад. Асосан, дар машғулиятҳои тасвирӣ натиҷаҳои фаъолият барои педагог ва мураббиён муҳим аст, аммо барои кӯдакон худи раванд аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Ворид гардидани таҷҳизотҳои инноватсионӣ, техникию технологие, ки дар ҳаёти имрӯзаи шахс ба мисли: компютер, планшет, гаджету смартфон ворид гардидаанд, ба тамоми соҳаҳои иҷтимоии онҳо таъсирҳои худро гузошта истодаанд. Ин раванд соҳаи илму маорифро низ фаро гирифтааст. Ворид шудани техникаю технологияи муосир дар ҷараёни таълим зарурати интихоб кардани воситаҳои самараноки таълиму тарбияро дар асоси усулҳои инноватсионӣ ва технологияҳои нави ҳамгиро талаб мекунад.

Пачаева М.П. чунин қайд мекунад, ки истифодаи усулҳо ва шаклҳои нави ташкили фаъолияти тасвирӣ ба инкишофи эҷодӣ нигаронида шуда, вазифахои зеринро ҳал мекунад:

- ташаккул додани фазои фаъолият дар кӯдакон;
- инкишофи равандҳои муҳими равонӣ, қонеъ гардонидани талаботи кӯдак ба фаъолияти эҷодӣ;

• ташаккул ва такмили маҳорат ва малакаҳои техникӣ, инкишофи қобилиятҳои ба кор бурдани воситаҳои гуногуни тасвирӣ ва ороиши маҳсулот;

• инкишофи эмотсионалӣ.

Ҳама шаклҳои ташкили фаъолияти тасвирӣ бо мақсади инкишофи эҷодӣ истифодаи фаъолонаи воситаҳои муосири аудиовизуалии таълим ва технологияҳои нави иттилоотиро дар бар мегиранд.

Барои рушди иқтидори эҷодӣ дар фаъолияти тасвирии кӯдакон шароитҳои зерин муҳим мебошанд:

• фароҳам овардани шароити созгор;

• омезиши намудҳои инфиродӣ ва коллективии фаъолият;

• омода кардани сюжети бозӣ пеша аз фаъолияти тасвирӣ;

• муҳайё намудани вазъиятҳое, ки кӯдаконро барои ҷустуҷӯи эҷодӣ равона месозанд;

• ҳавасмандгардонии эҷодии кӯдакон ҳангоми раванди фаъолияти тасвирӣ;

• ба кӯдак фароҳам овардани имконияти мустақилона эҷод кардан, мавҷудияти ҳама гуна мавод барои кори эҷодӣ;

• истифодаи мавод ва техникаҳои гуногуни тасвирӣ;

• мавҷудияти вазифаҳои эҷодӣ;

• ҳамгироии навъҳои гуногуни санъат;

• таъмини муносибатҳои мусбии оила ба эҷоди кӯдак.

Муаллиф чунин зикр мекунад, ки дар ҳар як машғулият ба вуҷуд овардани муҳити эҷодӣ, дӯстона, хушмуомилагӣ, ҳисси таваҷҷуҳ додан ба ҳар як кӯдак, эҳтиром зоҳир кардан ба эҷоди ӯ шартҳои муҳими инкишофи эҷодии кӯдакон ба шумор мераванд. Инчунин, ғанисозии таҷрибаи эҳсосӣ ва зеҳнии кӯдакон низ бояд рушд дода шавад. Таҷриба ҳар қадар ғанӣ гардонида шавад, мазмуни тасвирҳои кӯдакон ҳамон қадар гуногун мешаванд.

Аз натиҷаи корҳои ба анҷом расонида мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои гуногун нашр шудаанд, ки чортои он дар маҷаллаи тақризшавандаи сатҳи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Тоҷикистон ба табъ расонида шудааст.

Аз автореферати диссертатсия ошкор мегардад, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса, адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда иборат мебошад.

Хулоса, таҳқиқоти Пачаева М.П. кори бaанҷомёфтаи илмӣ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи

ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
муаллими калони кафедраи педагогика,
психология ва методикаи таълим,
факултети филологияи Донишгоҳи
Славянин Руссия ва Тоҷикистон Қурбонова З.Ш.

14.09.2024

Имзои Қурбонова З.Ш.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори идораи кадрҳо ДСРТ, н.и.ф., дотсент Раҳимов А.А.

Маълумот барои тамос: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзада 30, телефон:(372213550), почтаи электронӣ: http://www.rtsu.tj